# Шарҳи моҳонаи таваррум • Феврали 2020

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи феврали соли 2020 ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ ва ҳамин моҳи соли гузашта мутаносибан 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) таъсир расонид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гов (0,3% м/м[2]), гӯшти гӯсфанд (0,2% м/м), шакар (0,7% м/м), себ (12,0% м/м), нок (3,1% м/м), ангур (5,6% м/м), лиму (29,6% м/м), картошка (17,0% м/м), помидор (8,9% м/м) ва бодиринг (12,6% м/м) ба қайд гирифта шуданд.

Аз тарафи дигар нархи баъзе аз маҳсулот дар сабади таваррум, аз ҷумла орди навъи якум (-2,4% м/м), биринҷ (-1,0% м/м), равғани пахта (-0,3% м/м), пиёз (-2,5% м/м), сабзӣ (-8,2% м/м), гӯшти мурғ (-1,7% м/м) ва тухм (-10,4% м/м) раванди коҳишёбӣ дошт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми моҳҳои январ-феврали соли 2020 дар сохтори таварруми бавуқӯъомада, бештар болоравии саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд мебошад, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи омилҳои мавсимӣ, кам гардидани истеҳсол ва дар сатҳи зарурӣ таъмин набудани бозори дохилӣ ба амал омад.

Дар натиҷа ба монанди моҳи қаблӣ норасоии маҳсулотҳои кишоварзии истеҳсоли дохилӣ (аз ҷумла картошка) ва ворид гардидани он кишварҳои шарикони савдо бо нархҳои гаронтар барои қонеъ гардонидани талабот дар бозорҳои ҷумҳурӣ боиси болоравии нархи он дар моҳи феврали соли ҷорӣ гардид.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи феврал бештар болоравии нархи маснуоти нассоҷӣ 1,1 фоиз ва маводи шустушӯй 0,2 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ тамоюли муътадили афзоишёбӣ дошта, ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии нақлиёт 2,0 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи феврали соли ҷорӣ ба 7,8 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,2 банди фоизӣ кам ва ҳамин моҳи соли қаблӣ 1,4 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи феврали соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,5 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки таварруми пешбинишуда, бо мунтазам гузаронидани таҳлили тағйирёбии сатҳи нархҳо ва истифодаи фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – тағйирёбии моҳона

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Феврал, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | | | 2020 | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **7,3** | **7,5** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **9,8** | **10,6** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **0,6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 18,8 | 17,4 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | -1,6 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 14,4 | 9,9 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | -1,0 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 23,5 | 21,8 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | -2,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 23,5 | 24,4 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 0,2 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 27,1 | 28,6 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 0,3 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | -3,3 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -10,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 5,0 | 4,6 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 0,2 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 1,4 | -3,0 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 0,2 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -0,6 | -0,7 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | -0,3 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | 1,9 | 3,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 6,8 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | -6,1 | 1,1 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 5,0 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | 3,3 | -0,9 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | 0,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 6,6 | 8,1 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **7,8** | **7,8** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,3** | **2,6** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,8** | **4,5** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 14,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 5,4 | 5,6 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 0,4 |
| Маводи шустушӯӣ | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 4,4 | 3,6 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 0,2 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 16,2 | 14,9 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | -0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -8,8 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | -0,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -15,7 | -14,1 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 4,3 | 3,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **4,6** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **0,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 14,8 | 6,9 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | -0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,9 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 3,7 | 3,7 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 32,7 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -15,2 | -15,9 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | -1,9 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | -5,0 | 0,3 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | 2,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 4,4 | 4,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 0,3 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо